14 09 2018



**Дар давоми 27 - соли Истиклолияти давлатӣ тахти рохбарии хирадмандонаи Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар сиёсати дохиливу хоричии кишвари мо муваффакиятхои беназир ба даст омаданд. Кулли бахшхои хочагии халки мамлакат рӯ ба рушд нихода, саодати рӯзгори мардум таъмин гардид.**
Истиклолияти давлатӣ имкон дод, ки мардуми шарафманди точик дар бахши дину диёнат низ аз озодихои фаровон бархӯрдор бошанд ва фароизи диниро бе хеч монеа ичро намоянд. Агар ба ракамхо таваччух намоем, шароити мусоиди диндорӣ дар Точикистон ба сурате шакл гирифтааст, ки дар дигар даврахои таърихӣ вучуд надошт. Аз чумла, агар замони шӯравӣ дар тамоми каламрави Точикистон 17 масчид амал мекард, имрӯз ин ракам дар мамлакат наздик ба чахор хазор аст, ки кобили мулохиза мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки дар замони кабл аз истиклолият дар Точикистон таълими динӣ кариб вучуд надошт. Танхо баъд аз ба даст овардани Истиклолияти давлатӣ Донишкадаи исломии Точикистон созмон ёфт, ки феълан садхо толибилм дар ин боргохи таълимӣ хам илми динӣ меомӯзанду хам улуми дунявӣ. Бо ташаббуси Пешвои муаззами миллат Куръони карим ба забони точикӣ тарчума ва нашр шуда, дастраси мардум гардид. Гузашта аз ин, даххо китобхои динӣ, аз чумла тафсири Куръон, Чоми – ус - Сахехи Имом-ал-Бухорӣ, китобхои фикхӣ ва акидавии ахли суннат ба нашр расиданд, ки мардуми Точикистон имрӯз дар масоили динӣ ва мазхабии худ аз ин китобхо истифода мебаранд.      Ба чойгох ва макоми шоистаи уламои ислом таваччухи махсус зохир мегардад, ки дар садри чунин арчгузорихо Президенти махбуби кишвар карор доранд. Аз чумла, бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат соли 2009 дар Точикистон Соли бузургдошти Имоми Аъзам- пешвои мазхаби мо эълон гардид, ки ин икдом боиси эхтироми зиёди олами ислом ба Точикистон гардид.
Мардуми шарифи точик хуб медонанд, ки дар замони шӯравӣ аз Точикистон як нафар ба сафари хач мерафт, хатто баъзе солхо хамон як нафар хам рафта наметавонист. Холо бошад, хар сол аз Точикистон зиёда аз шаш хазор зоирин барои адои маносики хач ва зиёрати равзаи Расулуллох (с) ба Маккаи мукаррама ва Мадинаи мунаввара сафар мекунанд. Кабл аз истиклолият мардум ду намози идро дар хавлихо ё оромгоххо бо

тарсу харос мехонданд. Вале, имрӯз Иди саиди Фитр ва Курбон дар конунгузории мамлакат хамчун иди расмӣ эътироф шуда, рӯзи истирохат эълон гардидааст, ки нишони эхтиром ба арзишхои динӣ мебошад.
Аз ин рӯ, хар яки мо, бахусус ходимони динро зарур аст, ки ба кадри ин неъматхо бирасем ва дар ин замони пурошӯб бо дастгирӣ аз сиёсати давлату Хукумати чумхурӣ арзишхои истиклолият ва вахдати миллиро хифз намоем.

**Х. МӮСОЗОДА, шахри Хучанд**